# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Холов Тоҷиддин Азизулоевич дар мавзӯи «Нақши сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон), барои гузаштан аз даври дуюми экспертизаи диссертатсия дар факултети менеҷмент ва идораи сайёҳӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ.**

**Муҳимияти мавзӯи таҳқиқот**. Яке аз роҳҳои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ самаранок истифода бурдани заминҳои обёришаванда ба ҳисоб меравад. Аммо беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда дар вилояти Хатлон нигарониро рӯи кор оварда, сол то сол банақшагирӣ доир ба беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда дар вилояти Хатлон камтар ба чашм мерасад. Ҳамин тариқ, натиҷаи корҳои кишоварзӣ зарурати ташаккул додани фазои мусоиди сармоягузориро дар бахши аграрӣ таъкид месозанд. Барои таъмин намудани рақобатпазирии маҳсулоти соҳаи мазкур ақаллан дар бозори дохилӣ, афзоиш додани майдони кишоварзии обёришаванда, ташаккули механизми иқтисодии ба сохти бозор мувофиқи фаъолнокии сармоягузорӣ зарур аст, ки дар маҷмӯъ, зарурати амиқтар кардани таҳқиқотро дар ин самт боис мегардад.

Маҳз ҳамин масъалаҳо муҳиммияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии интихобкардаи моро ташкил медиҳад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, 26 ҷадвал, 6 расм, 6 диаграмма, хулоса, пешниҳод иборат буда, бо истифода аз 194 сарчашма таҳия карда шуда, дар 189 саҳифаи компютерӣ омода гардидааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дар кори диссертатсионӣ дар доираи омӯзиши таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ назарияи муаллифӣ оид ба сармоягузорӣ, ҳамчун сармоягузорӣ ба субъектҳои хоҷагидор бо мақсади гирифтани даромад ё фоида ва ба даст овардани самараи мусбати иҷтимоӣ ва ба афзоиши маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ мусоидаткунанда дода шуд, хусусиятҳо, омилҳо, унсурҳо, таснифоти сармоягузорӣ ва мавқеи такрористеҳсолкунӣ дар соҳаи кишоварзии минтақа, инчунин таҷрибаи мамлакатҳои ИМА, Исроил, Австралия, Аргентина, Россия, Қазоқистон оид ба сармоягузорӣ ба кишоварзии обёришаванда мавриди омӯзиш қарор дода шуда, таҷрибаҳои ИМА, Исроил ва Австралияро ҳангоми истифодаи обёрии қатрагии дар ноҳияҳои камоби вилояти Хатлон истифода бурдан, тавсия карда шуд, бо истифода аз усули арзиши ҷории соф лоиҳаҳои

сармоягузории вилояти Хатлон арзёбӣ карда шуд. Муайян карда шуд, ки дар тамоми лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои беҳтар намудани сатҳи обёрии заминҳо дар вилояти Хатлон самаранокӣ дида мешавад, самтҳои афзалиятноки тавсеаи фаъолияти сармоягузорӣ дар кишоварзии обёришавандаи минтақа асоснок карда шуда, бо дарназардошти иқтидор ва бартариятҳои рақобатӣ ҷиҳати рушди бахшҳои пахтакорӣ, боғдорӣ ва кишти дигари маҳсулотҳои озуқаворӣ пешниҳодоти мушаххас коркард ва пешниҳод шудааст.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Муаллиф барои муайян намудани мавқеи сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, пеш аз ҳама, андешаҳои олимони соҳаро баррасӣ намудан зарур шуморидааст. Ҳангоми таҳлили адабиёти иқтисодӣ вобаста ба рисолаи илмӣ муайян намудааст, ки сармоягузорӣ мафҳуми васеъ буда, андешаҳо нисбати сармоя ва сармоягузорӣ хеле зиёд мебошад (С.12). Диссертант,аз таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ хулоса намудааст, ки объектҳои фаъолияти сармоягузорӣ асосан сармоягузориҳои дарозмуддат ва маблағгузории молиявӣ ба фондҳои асосӣ, афзоиши воситаҳои моддӣ ва гардон (ашёи хом, маводҳо ва дигар арзишҳои ба инҳо монанд, чорво барои парвариш ва фарбеҳкунӣ) – хариди саҳмияҳо, вомбаргҳо, диғар коғазҳои қимматнок, дороиҳои ғайримоддӣ, сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ мебошад (С.23)

Диссертант дар ҷадвали 2.1.1- Ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлонро мавриди таҳлил қарор додааст. Таҳлилҳои диссертан нишон додааст, ки дар давраи солҳои 2015 то 2020, маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии вилояти Хатлон афзоиш ёфта, аз 12319,8 то 16985,0 миллиард сомонӣ, омада расидааст. Ҳаҷми истеҳсоли махсулоти растанипарварӣ 36,3 % ва истеҳсоли махсулоти чорвопарварӣ беш аз 42,1 % афзудааст. Дар давраи таҳлилӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, асосан, аз ҳисоби зиёд шудани махсулоти соҳаи чорвопарварӣ мебошад. (С.60.)

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва ичтнмоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ овардашударо дар фаъолияти амалӣ ҳангоми ҷалби сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии обёришаванда ба таври васеъ истифода бурдан мумкин аст. Онҳоро инчунин мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ барои такмили қонунгузорӣ ва таҳияи тадбирҳо дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ истифода бурда метавонанд.

Нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ (солҳои 2010-2020) пешниҳод гардида, дастгирӣ ёфтанд. Аз ҷумла дар конфренсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар

мавзӯи «Рушди гидроэнергетика - Рушди Тоҷикистон», 20-уми декабри соли 2018 дар Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Маводи таҳқиқотро инчунин ҳангоми хондани лексияҳо оид ба курси «Сармоягузорӣ», «Менеҷменти молиявӣ», «Баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ», ҳамчунин ҳангоми хондани маърӯзаҳо дар курси махсус оид ба назарияи сармоягузорӣ дар ихтисосҳои иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав истифода бурдан мумкин аст.

**Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиягардида ба нашр расидааст.

Инчунин, якчанд мақолаҳо дар нашрияҳое, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, чоп гардидаанд:

1. Холов Т.А. Таҷрибаи ҷаҳонии истифодаи самаранокии заминҳои обёришаванда // Паёми ДДБ ба номи Н.Хусрав №1/1 (59) 2019, с.173-177.
2. Холов Т.А., Баротзода Ш.М. Консепсияи идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ // Паёми ДДБ ба номи Н.Хусрав №1/4 (80) 2020, с.201-204.
3. Саидмуродов Ш.М., Холов Т.А. Муайянкунии омилҳои хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ // Паёми ДДБ ба номи Н.Хусрав №1/4 (68) 2019, с.69-74.
4. Холов Т.А. Асосҳои назариявии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ // Паёми ДДБ ба номи Н.Хусрав №1/4 (83) 2020, с.193-197.
5. Холов Т.А. Таҳлили лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ вилояти Хатлон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон , Душанбе 2019, №5 қисми 2 саҳ.164-168;
6. Холов Т.А. Иқтидори сармоягузории заминҳои обёришавандаи вилояти Хатлон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон , Душанбе 2019, №5 қисми 2 саҳ.164-168;

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Муқаррароти назариявӣ ва методологии диссертатсия, объект, мавзӯъ, навгониҳо ва муҳтавои он ба бандҳои 1.6.Лоиҳаҳои инвеститсионии минтақавӣ: мақсад,объект захираҳо ва самаранокӣ.. 1.24. Тараққиёти комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳо, хусусиятҳои минтақавӣ ва маконии инкишофи хаҷагии қишлоқ. 1.25.Таъминоти инвеститсионии минтақаҳо. Танзими инвеститсияҳо дар минтақаҳо. Муҳити инвеститсионӣ бо назардошти воҳидҳои минтақавӣ-маконӣ. Баланд намудани диққатҷалбкунии инвеститсионӣ ва истифодаи самаранокии лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар минтақаҳои Шиносномаи

ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат менамояд.

Ба андешаи мо дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, диссертатсияи тақризшаванда дорои як қатор камбудию норасогиҳо мебошанд, ки аз инҳо иборатанд:

1. Боби якуми диссертатсия асосҳои назариявии фаъолияти сармоягузорӣ минтақавӣ дар соҳаи кишоварзӣ ном дорад, вале тақиқи параграфҳо бештар ба сармоягузорӣ бахшида шудаанд, ба сармоягузории ба соҳаи кишоварзи бошад кам таваҷҷӯҳ карда шудааст.
2. Мувофиқи вазифаҳои гузошташуда дар параграфи 1.1 нуқтаи назари олимони иқтисодчӣ, махсусан иқтисодшиносони ватанӣ оиди сармоягузорӣ минтақавӣ дар соҳаи кишоварзии ба таври кофӣ омӯхта ва таҳлил нашудаанд
3. Ба мақсад мувофиқ мебуд агар муаллиф мутобиқ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷойи баъзе ҷадвалҳо диаграмма ва ё дигар воситаҳои аёниро истифода мекард.
4. Дар кор баъзе ибораҳои истифода шуда ва ҷумлаҳо таҳрирталаб мебошанд.

Бо ибрози чунин нуқтаи назар метавон гуфт, ки диссертатсияи Холов Тоҷиддин Азизуллоевич ба камбудиҳои номбаркардашуда нигоҳ накарда дар сатҳи зарурӣ омода карда шудааст ва аз ҷиҳати мазмун мутобиқи талаботҳои мавҷуда мебошад.

Умуман, диссертатсия дар мавзӯи «Нақши сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)», кори илмии асоснокгардида, баитмомрасида, дорои ҳалли масъалаи аҳамияти соҳавидошта ба шумор рафта, баъд аз ислоҳи камбудиҳои ошкоргардида муаллифи он ба экспертизаи давраи навбатӣ дар Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ тавсия дода мешавад.

**Муқарризи холис:**
**Номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**саромӯзгори кафедраи иқтисодиёти соҳавии**
**Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон** **Назарова Н.С.**

Имзои Назарова Н.С.-ро тасдиқ менамоям,
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон Каримзода З.А.